**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б.Боқиев» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2026. – 182 с.**

Масъалаи мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ яке аз давраҳои хеле мураккаб ва дар айни ҳол хеле муҳимми таърихи халқи тоҷикро дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX фаро мегирад, ки дар шароити муосири геополтикии ҷаҳонӣ аҳаммияти бештар касб кардаистодааст. Таҳқиқот ва фаъолияти илмии профессор О.Б. Боқиев асосан ба омӯзиши яке аз сафҳаҳои муҳимми таърихи ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дар таърихнигории тоинқилобии рус бахшида шудааст. Ин масъала дар замони худ гардиши куллие дар марказҳои илмии Осиёи Миёна ба бор оварда, ба сарнавишти таърихии мардуми бумии он – яъне, тоҷикон таъсири бузурги худро расонид. Истилои Русияи подшоҳӣ дар ҳаёти тоҷикони Осиёи Миёна, аз ҷумлаи ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дигаргуниҳои куллиро ба амал овард. Дар радифи пайомадҳои манфии забт ва ҷорӣ гардидани тартиботи мустамликавӣ, истисмори мустамликавӣ, канда шудани робитаҳои таърихӣ ва маънавию фарҳангии байни тоҷикони минтақа, истилои Русияи подшоҳӣ баъзе ҷанбаҳои мусбатро низ доро буд. Омӯзиш ва таҳқиқи илмии таърихи Осиёи Миёна, аз ҷумла таъриху фарҳанги халқи тоҷик ба нимаи дуюми асри XIX ва оғоз асри XX рост меояд, ки маҳз муҳаққиқон, шарқшиносон, муаррихон, мардумшиносон ва табиатшиносони рус бо осори гаронмояи худ дар саргаҳи он қарор дошта, дар пажуҳиши илмӣ ва муаррифии он дар шарқшиносии ҷаҳонӣ саҳми бузург ва мондагор гузоштаанд.

Ҳамин тавр интихоби мавзуъ рӯзмарра ва бо маврид буда, кӯшиши аввалине барои илман муайян ва асоснок кардани таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б.Боқиев маҳсуб мегардад.

Дар диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович мубориҳаҳои идеологӣ, ҷангҳои иттилоотию бархурдҳои сиёсӣ ва манфиатҳои иқтисодии ду абаркударти ҷаҳонӣ Британияи Кабир ва Ҳукумати Подшоҳии Руссия аз

назари профессор О.Б. Боқиев мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба карор дода шудааст.

Дар таҳияи диссертатсия С.Р. Нуров объекти таҳқиқотро дуруст муайян намуда, онро дар осори илмии профессор О.Б. Бокиев, ки ба пажуҳиши масоили мубрами таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и халқи тоҷик, махсусан манотиқи Тоҷикистони муосир ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус бахшида шудаанд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Диссертант предмети таҳқиқотро низ дуруст нишон дода, саҳми профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиши вазъи сиёсӣ, сохтори маъмуриву идорӣ, инъикоси аҳволи иқтисодиву иҷтимоии минтақаҳои Тоҷикистони муосир дар таърихнигории тоинқилобии рус ва ҳамзамон баррасӣ намудани консепсияи таърихнигории ӯро баррасӣ намудааст.

Диссертатсия бар пояи беш аз 120 сарчашмаи боэътимод, ки осори илмӣ-таҳқиқотии О.Б. Боқиев, ҳуҷҷатҳои коргузорӣ, ёддоштҳо ва қайдҳои шахсӣ, маводи бойгонӣ ва ғайраро дар бар мегирад, навишта шуда, муаллиф онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст.

Диссертант тамоми талаботи таҳияи сарсухани диссертатсия аз қабили мушаххас намудани объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро риоя намуда, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар ҳашт бахш пешниҳод намудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар дақиқ будани маълумотҳо, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқикот ва ҳаҷми интишорот, гузарондани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ ифода меёбад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои мушаххас дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ироа карда шудаанд.

Марҳилаи таҳқиқот низ дуруст нишон дода шуда, давраи иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад.

Чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот солҳои ҳаёт ва фаъолияти илмиву педагогии профессор О.Б. Боқиев (1934-1999), рафти ташаккули шахсият, сифатҳои шахсиву касбӣ, дидгоҳ ва мавқеи илмӣ ва марҳилаҳои асосии фаъолияти илмиву пажӯҳишии ӯро фаро мегирад.

Чаҳорчӯбаи ҷуғрофии таҳқиқот низ дар мисоли ҳудудҳои муосири Тоҷикистон дар асоси таҳлили осори профессор О.Б. Боқиев дуруст мушаххас гардидааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия, муаллиф 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос карда метавонанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаобот ҷавобгӯ буда, диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби авали рисола "Инъикоси вазъи сиёсӣ ва сохтори маъмурии минтақаҳои муосири Тоҷикистон дар нимаи дар нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри XX дар таҳқиқоти профессор О.Б.Боқиев" номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои шарҳиҳолӣ ва ё аҳволу осори профессор О.Б. Боқиев – ҳамчун муҳаққиқ ва таърихнигори варзида, вазъи сиёсӣ ва сохтори ҳудудию маъмурии манотиқи муосири Тоҷикистон дар нимаи дуввуми асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори профессор О.Б. Боқиев ва бозтоби масъалаи забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ ва Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев мавриди баррасӣ ва хулосабарории амиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Боби дуюми рисола "Таҳқиқи масоили мубрами ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б.Боқиев" номгузорӣ шуда, дар ин боб диссертант вазъи хоҷагии деҳоти ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б. Боқиев ва омӯзиши вазъи саноат, ҳунармандӣ ва муносибатҳои тиҷоратии манотиқи Тоҷикистонро ба риштаи таҳқиқ кашида, хулосабарориҳои мантиқию илмии хешро пешниҳод намудааст.

Боби сеюми рисола «Бозтоби масъалаи забти ҳудудҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев» номгузорӣ шуда, дар ин боб масъалаҳои ҷиддии сиёсию геополитикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX, рақобати абарқудратҳо барои соҳиб шудан ба Осиёи Миёна дар мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар зербобҳои алоҳида раванди забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ ва масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ

дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Хулосаи диссертатсия низ ба талаботи таҳияи корҳои илмии номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф нисбати ҳар бобу зербоб хулосаҳои илмӣ-мантиқии хешро пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б.Боқиев» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ таҳқиқоти мукаммали баанҷомрасида буда, он ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад ва барои дифоъ пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Ғуломов Т.М.**

**Имзои Т.М.Ғуломовро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.**
16.02.2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Телефон: (+992) 2217711
Сомонаи расмӣ (https://tnu.tj/).